**Хулосаи**

комиссияи ташхиси Шурои диссертасионии 6D. КОА-064 дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои киоварзии Тоҷикистон (АИКТ) оид ба диссертасияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мазуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01. 05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Корӣ диссертасионии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мазӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти илмӣ инчунин аҳамияти соҳавӣ дошта, бо мақсади омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт, баҳри истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Картошкапарварӣ яке аз соҳаи асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, зиёд намудани имкониятҳои содиротии мамлакат ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар деҳот ва ноҳияҳо, мавқеи муайянро ишғол менамояд. Пешрафти ояндаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ тавассути ба даст овардани навъҳои серҳосили картошка ва ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ он дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии зич дорад. Бинобар ин омузиши масъалаҳои таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи куҳӣ ва мутобиқкунии навъҳои нави картошка, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити куҳии мавзеъи Лахши минтақаи Рашт аҳамияти калони илмӣ ва амали дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертант бори аввал дар шароити мавзеи Лахши минтақаи Рашти Шимолу Шарқии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка, парвариши онҳо дар баландиҳои гуногун аз сатҳи баҳр ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст. Алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳои нави картошка дар минтақаи куҳӣ, давомнокии давраи нашъу намои онҳо, устоврии навъҳо ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии зараррасонҳо муқаррар гардида,

самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.**

Аҳамияти амалии таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки навъҳои ояндадори Янка, Вектар, Скарб ва Бриз ,ки дорои ҳосилнокӣ баланд ва ба омилҳои табиӣ устувор бударо ҷудо намуда барои дар истеҳсолот васе кишт намудан пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ ва массаи умумиии биологии онҳо муайян карда шудааст.

Навъҳои интихоб карда ҳоло дар майдони бештар аз 20 га дар шароити ноҳияи Лахш кишт карда шуда, аз ҳар як гектар аз 25 то 35 т/га ҳосил рӯёнида шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ, аз ҷумла асосноккунии назариявӣ ва амалии самти интихобшуда ва усулҳои тадқиқот, ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот, таҳлилу коркарди оморӣ ва тадбиқи натиҷаҳои бадаст омада иборат мебошад.Ҷамъбасти наиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳо аз ҷониби муаллиф дар якҷояги бо роҳбари илмӣ анҷом дода шуда. инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 85 % баробар буда, аслияти матни дисертатсия ба 93,67 % баробар мебошад.

**Интишорот аз руйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои тадқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқоти мазкурро дар бар мегиранд. Аз рӯи шумораи мақолаҳои чопшуда, кори диссертант ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мувофиқат мекунад.

Кори диссертасияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мазуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» дар асоси талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Ташхиси аввалияи диссертасия дар шуъбаҳои селексия ва тухмипарварии картошка, технологияи муосири сабзавоткорӣ ва ҳимояи

набототи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи Шурои олимон муҳокима гардидааст (протоколи №12 аз 27.12.2023).

Дар хулосаи мазкур кори диссертасионӣ мусбат арзёби гардида, баҳои объективӣ дода шудааст. Қайд гардидааст,ки кори илмӣ ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и- “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни кори диссертасионии Акрамов Абдуҳалим Холович аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, инчунин ба талаботи феҳристи ихтисосҳое,ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2022 фармоиши №237/шд, ҳуқуқи қабули диссертасияҳоро барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Кори диссертатсионӣ дар 156 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кор бо 29 ҷадвал 19 расм ва 22 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 170, аз он ҷумла 8 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад

Кори диссертасионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаи нави илмии ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Комиссияи ташхис дар асоси банди 62-63-и Низомномаи Шурои диссертасионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидаст, пешниҳод менамояд.

1. Кори диссертасионии Акрамов Абдуҳалим Холович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба Шурои диссертасионии 6D.КОА-064-и назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисӣ Шурои диссертатсионӣ шахсони зеринро ҳамчун муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзӯъи диссертатсия таъйин карда шаванд:

**-Партоев Қурбоналӣ** -доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи биологияи молекулавӣ ва биотехнологияи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ;

**-Ҳайдаров Зикриёхон Ёқубович-** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

3. **Ба ҳайси муассисаи пешбар** Институти биологии Помир ба номи Х. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муассиса ва Комисияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 30 майи соли 2024, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Бухориев Т.А.

**Аъзоёни комиссия :**
доктори илмҳои биологӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Абдураҳмонов Н.А.

Номзади илмҳои кишоварзӣ Қаландаров А.Ф.

Имзои Т.А. Бухориев ва Н.А. Абдураҳмонов-ро тасдиқ менамоям: нозири калони кадрҳои Институти зироаткории АИКТ Сайнизоми Б.

Имзои А.Ф. Қаландаров-ро тасдиқ менамоям: сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

“22”. 03 2024